**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи “Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (Душанбе, 2022. – 28 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи баррасишаванда ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи конститутсионӣ – мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз омӯзиши ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши ин ниҳоди муҳими давлатӣ дар соҳаи таъмини амалисозии танзими меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ ва мурофиавӣ, балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд.

Муаллиф дар диссертатсия бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар, таҷрибаи судӣ ва ғайра кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқот анҷом ёфта мафҳум, таърихи инкишоф, мавқеи мақомоти прокуратура дар миёни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Ҳамзамон дар диссертатсия ҷойи мақомоти прокуратура дар миёни мақомоти давлатӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муқаррароти умуминазариявӣ доир ба ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар дастгоҳи идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ташкил дода, тамоюли рушди ҷомеаи демократиро дар замони

муосир муайян менамояд. Истифодаи онҳо ба муаллиф имконият фароҳам овардаанд, ки як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи мақомоти прокуратура, ворид намудани тағйирот ба мавқеи конститутсионии он ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи кишвар дар соҳаи зикргардида баён намояд. Консепсияи пешниҳодшуда ҷиҳати танзими қонунии мавқеъ ва функсияи прокуратура, як қатор мушкилотҳои илмиро бартараф намуда, барои ба таври судманд амалӣ намудани фаъолияти механизмҳои давлатӣ нақши босазоро иҷро менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии С.А. Исмоилзода дар самти ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ барои ташаккули ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва ташкили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши боризро иҷро намуда, метавонад барои тадқиқотҳои минбаъда хизмат намояд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки аҳамияти амалии тадқиқот бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти прокурорҳо, судҳо, мақомоти таҳқиқ, ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ихтисоси “ҳуқуқшиносӣ”, инчунин дар низоми такмили ихтисос ва рушди касбии судяҳо, прокурорҳо ва дигар кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, таъсири мусбати худро гузорад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки аз мазмуни автореферат баъзе паҳлуҳои масъалаҳои баррасишуда возеҳу равшан нестанд. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораи “фаъолияти қонунэҷодкунӣ” ба «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» иваз карда шавад. Мехостем, ки дар ҷараёни ҳимоя рисоланавис ин пешниҳоди худро муфассал асоснок намояд.

Гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзӯи “Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз сазовори

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент А.Р. Нематов

734025, ш. Душанбе,
ҳ. Рӯдакӣ 33, тел + 992 93-112-11-88
e-mail: anematov@rambler.ru

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳо__________ Ҳ.Н. Шозедов

«06»________02__ 2023